# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D. КО – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Рофиева Азиза Ҳамдамовна дар мавзӯи "Танзими ҳукукии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 –Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

1. Мубрамияти мавзӯи таҳкикоти диссертатсионӣ дар он аст, ки соҳибкории оилавӣ намуди маъмултарини соҳибкорӣ ҳисобида мешавад, ки аз ҷиҳати миқдорӣ дар кишварҳои дорои иқтисоди бозоргонӣ бартарӣ дорад. Дар модели тиҷорати ғарбӣ соҳибкории оилавӣ соҳибкориест, ки аз насл ба насл мегузарад. Соҳибкории оилавӣ бо мақсади таъмини зиндагии фаровони авлодон, аъзои оила ташкил карда шудааст. Дар ҶумҳурииТоҷикистон бошад ин самти соҳибкорӣ дар асоси қонунгузорӣ мушаххас муқаррар нашудааст ва ба таври дахлдор ба рушд намудани он мусоидат наменамояд. Аз ин рӯ, масъалаи мазкур барои ба таври қонунӣ мустаҳкам намудани он ва аз ҷиҳати назариявӣ мавриди таҳлил қарор додани мушкилоти вобаста ба соҳибкориоилавӣ, ниёз дорад.

Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзӯи мазкур дар сивилистикаи муосир дар сатҳи зарурӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарордоданашудааст. Бе таҳлили комплексӣ ва ҳамаҷониба мушкилоти танзими ҳуқуқиисоҳибкориоилавӣ, роҳҳои аниқи ҳалли он баҳриинкишофи минбаъдаи илми ҳуқуқи гражданӣ, соҳибкорӣ, оилавӣ ва мукаммалгардонии қонунгузории ин соҳаҳо ғайриимкон мебошад.

2. Диссертатсия ба талаботҳои бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Диссертатсия кори илмӣ – тахассусии анҷомёфта буда, аз ҷониби унвонҷӯй мустақилона таҳияшуда, сатҳи навгонӣ ва дар шароити ҷумҳурӣ татбиқшаванда буданро дорад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳод шуда метавонанд дар назарияи ҳуқуқи

гражданӣ, соҳибкорӣ, оилавӣ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии унвонҷӯйро нишон медиҳанд.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба Шиносномаи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 – уми январи соли 2022, № 16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 13 асари илмӣ, аз ҷумла дар 1 монография, 12 мақолаҳои илмӣ, ки аз он 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсия намудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, ифода шудааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯй баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Рофиева Азиза Ҳамдамовна истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи унвонҷӯй маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61 – уми Низомномаи Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ гирифта, Комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Рофиева Азиза Ҳамдамовна дар мавзӯи “Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ”барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КО – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

-Исмоилов Шавкат Маҳмудович- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикорупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

- Раупова Манзура Турсуновна – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Санаи ҳимоя 4 июли соли 2023 соати 10:00 таъин карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ: Ғаюрзода Ш.К.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ: Муртазозода Ҷ.С.

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ: Қурбонов Қ.Ш.

«24» 04 2023